# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Сафарзода Мунир Ватан дар мавзуи «Назария ва амалияи андрагогика дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ дар шароити нави Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод гардидааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Сафарзода Мунир Ватан дар мавзуи «Назария ва амалияи андрагогика дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ дар шароити нави Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз нигоҳи талаботи шароити кунунии рушди босуръати илму техника, иттилоотишавии тамоми соҳаҳои ҳаёт, пешрафти ҷомеа ва таъсири он ба аҳли ҷомеа, хусусан ба кадрҳои педагогӣ дар замони муосир муҳим ва мубрам арзёбӣ мегардад. Зеро масъалаи таълими калонсолон, хусусан такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ ва омода будани онҳо ба шароити нав яке аз салоҳиятҳои асосии омӯзгор ва шаҳрванди асри нави бо ном асри иттилоот маҳсуб ёфта, дуруст ба роҳ мондани ҷараёни таълиму тарбияи насли наврас ва омода намудани онҳо ба зиндагии оянда мебошад, ки ин ҳадафи асосии таҳсилоти муосир ба ҳисоб меравад.

Дар таҳқиқоти диссертатсионии худ Сафарзода Мунир Ватан ҷанбаҳои педагогӣ ва методологии омӯзиши асосҳои назариявӣ ва амалии андрагогика, таҳияи механизми амалигардонии он дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳадафи омӯзишу таҳқиқ қарор додааст ва бо дарназардошти он ки мавзуи мазкур аз ҷониби олимону муҳаққиони ватанӣ ба таври алоҳида ва мукаммалу ҳаматарафа то ба имрӯз мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор нагирифтааст, месазад, ки коркард ва баррасии ин мавзуъро аз ҷониби довталаб иқдому ибтикори шоиста дар илми педагогикаи миллӣ номид.

Муҳақиқ барои ноил шудан ба ҳадафҳои худ ҷанбаҳои: омӯхтани амсилаҳои мавҷудаи андрагогии таълим ва таҳияи технологияи амалигардонии андрагогика дар низоми такмили тахассус; мураттаб кардани муқаррароти ибтидоии муносибатҳои методологӣ ба таълим; таҳияи дастгоҳи консептуалӣ ва заминаи истилоҳии андрагогика; таҳия намудани муқаррароти асосии технологияи таълими калонсолон; рушд додани амсилаи фаъолияти дастурдиҳандаи андрагог; таҳия кардани талаботи асосӣ ба салоҳияти андрагог ва таҳияи асосҳои мундариҷаи таълими устоди андрагогро ҳамчун вазифаҳои таҳқиқот мавриди таҳлили илмӣ қарор дода, дар ин ҷода ба як идда навгониҳо муваффақ шудааст, зеро таҳлили натиҷаҳои

таҳқиқоти диссертатсионӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои методии аз ҷониби муаллиф ироашуда шаҳодати онанд.

Навгонии илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки кори диссертатсионии довталаб аввалин таҳқиқоти проблемаи асосҳои андрагогии таълим дар низоми соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқ, ки заминаи назариявии андрагогикаи муосир ва таълими калонсолонро ташкил медиҳад, барои рушди минбаъдаи таҳқиқот дар самти таълими калонсолон аҳамияти муҳим дорад. Инчунин, дар диссертатсия давраҳои рушди таълими андрагогии калонсолон муайян ва сохтори хронологии он таҳия карда шудааст; заминаи назариявӣ бобати ташкили амалии таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи таълими ғайрирасмӣ ва андрагогика муайян карда шуда, механизми омода кардани ҳайати кории илмӣ ва таълимӣ дар низоми такмили ихтисос ва азнавтайёркунии ҳайати педагогӣ коркард карда шудааст; амсилаҳои фаъолияти дастурдиҳандаи андрагог асоснок карда шуда, малакаҳои асосӣ, дониш, сифат, салоҳиятнокии педагогии ӯ муайян карда шудааст, ки мувофиқи ақидаи муаллия ин усули фаъолияти андрагог аз салоҳияти анъанавии омӯзгор-педагог фарқ мекунад; методология, назария ва самтҳое, ки нақши таълими ғайрирасмиро дар низоми такмили ихтисос тавсиф мекунанд, муайян гардида, дар асоси таҳқиқоти илмии ватанӣ ва хориҷӣ консепсияҳои назариявии фазои консептуалии таълими ғайрирасмии кадрҳои педагогӣ мураттаб карда шудааст.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот аз гузарондани таҳлили назариявӣ ва методологии рушди проблемаи таҳсилоти мутасил, таҳияи асосҳои консептуалӣ, методологӣ, технологӣ ва ташкилии таълими ғайрирасмӣ, коркарди ҷанбаҳои назариявии таълими ғайрирасмӣ, муайян намудани омилҳо ва тамоюлҳои муайянкунандаи тағйироти низоми такмили ихтисос, муайян кардани функсияҳо, гурӯҳи принсипҳои таълими ғайрирасмӣ, ташкил ва гузаронидани озмоиши педагогӣ, инкишофи таълими ғайрирасмии дидактикӣ, идоракунии фаъолияти таҳқиқотии олимони ҷавон ва таҳияи нашрияҳои марбут ба мавзуи таҳқиқ, диссертатсия ва автореферати он иборат аст.

Довталаб дар мураттабсозии рисолаи илмӣ заҳмати зиёд кашида, худро ҳамчун як мутахассиси донандаи соҳаи худ муаррифӣ карда тавонистааст. Аз ин рӯ, бо боварии том метавон диссертатсияи Сафарзода Мунир Ватанро кори илмии баанҷомрасида ва дорои арзиши илмии назариявӣ ва амалӣ ҳисобид. Автореферат низ ба талабот ҷавобгӯ буда, муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос менамояд.

Кори таҳқиқотии Сафарзода Мунир Ватан дар мавзуи «Назария ва амалияи андрагогика дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ дар

шароити нави Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор мебошад.

Доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Мирзоев Абдулазиз Раҷабович

**Маълумот барои тамос:** Шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад 48/5 Тел. +992 2348802, +992918636113; Почтаи электронӣ:aziz69@mail. Ru

Имзои А. Р. Мирзоев-ро тасдиқ мекунам
Сардори РК ва КМ ДБССТ Ҷураев Ш. Н.

«__19__» __02__ 2024